# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Назаров Аҳтам Пулотович дар мавзӯи «Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика ва информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Дар асоси қарори раиси шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 Сатторов А.Э. аз 11.06.2021, №1 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст: узви шӯро, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шодиён М.С. (ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика)) – раиси комиссия; доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор Ашурова Д. (13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (информатика)) – узви комиссия ва доктори илмҳои физика ва математика, профессор Шамсутдинов Ф.М. (ихтисоси 01.01.02 – муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракнии оптималӣ (математика)) – узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ тадқиқоти диссертатсионии Назаров А.П.-ро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода, ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Тадқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксперименталӣ ба воқеияти объективӣ бисёр созгор буда, мушаххасан ба таъмини объективияти санҷиши дониш ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар шароити муосири омодасозии хонандагони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ довталаб дар 69 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 2-тояшро монографияҳо, 2-тояшро китоби дарсӣ, 8-тояшро роҳнамоҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Шӯрои илмӣ-методии муассисаҳои таълимӣ тавсияшуда, 24-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба нашр расида, аз ҷумла 17-тояш дар алоҳидагӣ ва 35-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чоп расида, аз ҷумла дар нашрияҳои шомили пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. 2 мақолааш дар маҷаллаҳои бонуфузи Федератсияи Россия чоп шудаанд, ки маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия мебошанд. Инчунин довталаб дорои 9 шаҳодатномаи ҳуқуқи муаллифӣ ба барномаҳои компютерӣ мебошад, ки баробарарзиш ба мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

буда ба ҳисоб меравaнд. Натиҷаҳои мазкурро, ки бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқот ва дарунмояи диссертатсияро инъикос мекунанд, дар рушди донишандӯзии хонандагону ҷавонон, завқмандии онҳо ба донишандӯзӣ ва мустақилияти онҳо зимни ҳалли мисолу масъалаҳо ва корҳои санҷишӣ аз математика ва информатика босамар истифода бурдан мумкин аст. Довталаб дар доираи кори диссертатсионаш методи нави гузаронидани корҳои санҷиширо эҷод кардааст ва номи "Методи Пулот"-ро гузоштааст.

Иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат ба он вобаста аст, ки корҳои илмии анҷомёбанда дар кадом сатҳ ба ҳалли масъалаҳои мубрами кишвар равона мегарданд. Амалигардонии ин ҳадафҳоро бе истифодаи усулҳои муосири илмӣ, бахусус муносибатҳои умумиилмӣ, усулҳои консептуалии педагогикаи муосир, барномасозию амсиласозиҳои математикӣ ва компютерӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин робита мавзӯи тадқиқотии Назаров А.П. ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ, ки фарогири масъалаҳои объективияти санҷиши дониш ва арзёбии салоҳияти хонандагон дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ ва сабук гардонидани меҳнату фаъолияти омӯзгорон дар заминаи рушд додани методикаи таълими фанҳои математика ва информатика мебошанд, метавонанд дар ҳалли масъалаҳои мазкур таъсиргузор бошанд. Навгонии дигари кори диссертатсионӣ фардигардонии раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ ба ҳисоб меравад.

Зарурати татбиқ ва мубрамияти санҷиши объективии дониши хонандагонро амиқ эҳсос намуда, зикр намудан бамаврид аст, ки вақти ҷорӣ намудани барномаҳои компютерии санҷиши объективии дониш ва арзёбии салоҳияти хонандагон кайҳо расидааст. Аммо ҷараёни татбиқи чунин барномаҳои компютерӣ дар умум дар сатҳи паст ҷойгир буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни муассисаҳои олӣ ва миёнаи таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи гузаронидани корҳои санҷишӣ имкон медиҳад, ки сифати таълим баланд бардошта шуда, меҳнати омӯзгорони фаннӣ сабук гардонида шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бар пояи маҷмӯи усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, методологияи диди системавӣ, консепсияи илмии барномасозии компютерӣ, принсипҳои амсиласозӣ ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаҳо ва тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои замонавӣ ва санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи озмоишҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо методҳо ва технологияҳои анъанавии гузаронидани корҳои санҷишӣ, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо дар мавзӯи раванди корҳои контролӣ ва мустақилонаи хонандагон, технологияҳои рақамӣ, фардикунонӣ ва рақамкунонии низоми таҳсилот ва нашри маводи илмии тадқиқот ташкил додаанд.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

## Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ

Диссертатсияи доктории Назаров Аҳтам Пулотовичро дар мавзӯи «Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика ва информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ), ки мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 омода гадидааст, пас аз гирифтани иҷозати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

## Қарори комиссияи экспертӣ

Дар асоси банди 56 Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 қарор менамояд:

1. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсияи доктории Назаров Аҳтам Пулотович дар мавзӯи «Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика ва информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мебошад.
2. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи методикаи таълими математика ва информатика навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, методи эҷодгардида бо номи “Методи Пулот”, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назарӣ ва амалии илми педагогика ва методикаи омӯзишу парваришро такмил медиҳанд ва ба рушди методикаи таълими математика ва информатика, ки дар ҷумҳурии мо мубрамияти он баъало эҳсос мегардад, муътамадона мусоидат менамоянд.
3. Методи эҷодкардаи Назаров А.П. ва барномаҳои компютерии дар заминаи он сохташуда аз ягон пойгоҳи додаҳо вобаста нестанд, ҷавоби супоришҳои корҳои санҷишӣ дар ягон ҷой пешакӣ нигоҳ дошта намешаванд, хонандагон мустақилона рафтор менамоянд, зеро имкони рӯйбардоркунии роҳи ҳал ва ҷавобҳоро дар раванди корҳои санҷишӣ бо истифода аз ин метод надоранд.
4. Насби барномаҳои компютерии сохташуда ба компютер ва ҷорӣ намудани онҳо дар раванди корҳои санҷишӣ аз математика ва информатика ягон мушкилие пеш намеоранд ва бениҳоят содаанд. Дар диссертатсия доир ба амалӣ намудани ин мақсадҳо тавсияҳои хуби методӣ оварда шудаанд.
5. Микдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ФР ва ҶТ банашррасидаи довталаб ба талаботи «Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ», «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯ

мебошанд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро ифода менамоянд.

6. Дар диссертатсия ҳамаи адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳо тавассути иқтибосоварӣ ба расмият дароварда шуда, пурра риоя шудааст.

7. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» хоҳиш карда мешавад, ки барои қабул ва ташкили ҳимояи диссертатсияи доктории Назаров Аҳтам Пулотович, тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ дар заминаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048, бо илова намудани миқдори зарурии муттахассисон аз рӯйи ихтисоси зерин – **Сатторов Абдурасул Эшбекович** – д.и.п., 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) раиси шӯро; **Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович** – д.и.п., 13.00.02. – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) муовини раиси шӯро; **Сафаров Ҷумабой** – д.и.ф.м., 01.01.02. – муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ (математика) котиби илмии шӯро; **Ашурова Дилором** – д.и.п., 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (информатика) узви шӯро; **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода** – д.и.ф.м., 07.00.10 – таърихи илм ва техника (математика) узви шӯро; **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – д.и.п., 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (информатика) узви шӯро; **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** – д.и.п., 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика) узви шӯро; **Шамсутдинов Файзулло Мамадуллоевич** –д.и.ф.м., 01.01.02. – муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ (математика); **Шерматов Дусназар Саидович** – д.и.ф.м. 01.04.07 – физикаи ҳолатҳои конденсӣ (информатика) узви шӯро; **Шодиён Муҳаммад Султонзода** – д.и.п., 13.00.02. – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) узви шӯро; **Ҷураев Хайрулло Шарофович** – д.и.ф.м., 01.04.07. – физикаи ҳолатҳои конденсӣ (информатика) узви шӯро барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина иҷозат медодед.

8. Пешниҳод мегардад, ки дар мавриди гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, муассисаи пешбари диссертатсия Муассисаи давлатии таълимии **«Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»** таъйин карда шавад.

9. Пешниҳод мегардад, ки пас аз гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина муқарризони расмии диссертатсия **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», **Исломов Озод Азамович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва **Ғуломов Ислом** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Муассисаи давлатии

таълимии «Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ» таъйин карда шаванд.

10. Пешниҳод мегардад, ки пас аз гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, ба нашру паҳнкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

| | |
|---|---|
| Раиси комиссия:<br>доктори илмҳои педагогӣ,<br>профессор | М.С. Шодиён |
| Узви комиссия:<br>доктори илмҳои педагогӣ, и.в.<br>профессор | Д. Ашурова |
| Узви комиссия:<br>доктори илмҳои физика ва<br>математика, профессор | Ф.М. Шамсутдинов |
| Тасдиқ мекунам:<br>Сардори ШК: | Ҷ.А. Шукурзод |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ" ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС